«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С. ________
аз «_26_» ___03___ соли 2026.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар вақти омода намудани диссертатсия Исматзода Исматулло Бобохуҷа унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Исматзода Исматулло Бобохуҷа соли 2014 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2020, №58-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Рисолаи номзадии Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №7 аз 31-уми марти соли 2021) тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҷабзода Маҳмадёр Носир номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мебошад.

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз «10» декабри соли 2025, №114 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Маълумотнома оид ба хатми унвонҷӯйи санаи 30-юми декабри соли 2025, №03/455-04 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 20-уми декабри соли 2025, №505-05).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2026, №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:

1. Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

2. Мубрам будани мавзуи пажӯҳиш аз ҷониби унвонҷӯ чунин асоснок гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолияти давлатӣ робитаҳои васеъ ва гуногунсамтро дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монда, ҳамчунин бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ муносибатҳои тиҷоратиро инкишоф додааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии меъёрии ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқии таҳким ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар муҳайё намудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 12-и худ шаклҳои гуногуни моликиятро ҳамчун асоси иқтисодиёти кишвар эътироф намуда, махсусан фаъолияти иқтисодии хориҷиро кафолат додааст. Дар асоси нишондодҳои Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст, «Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба амал бароварда, соҳибихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии дигар кишварҳоро эҳтиром гузошта, вобаста ба манфиатҳои халқи худ равобити байналмилалиро дар сатҳҳои гуногун ба роҳ монда, шароити мусоидро баҳри рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва инкишофи сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни ҳаёти хоҷагии халқ фароҳам овардааст»

Ҳамчунин, зарурати омузиши масъалаҳои мазкур аз он бармеояд, ки муносибатҳои байналмилалӣ дар ду сатҳ – байналмилалии, байниҳукуматӣ ва байналмилалии хусусӣ арзи вуҷуд менамоянд, ки маҳз охиринҳо объекти бевоситаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравaнд. Ҳарчанд муносибатҳои мазкур хусусияти байниҳукуматӣ надошта бошанд ҳам барои ифодаи онҳо истилоҳи «байналмилалӣ» ба кор бурда мешавад. Аммо, дар ин

ҷо истилоҳи «байналмилалӣ» хусусияти шартӣ дорад, зеро ифодакунандаи он аст, ки муносибатҳои мазкур аз ҳадди юрисдиксияи як кишвар берун мебароянд. Бо чунин назардошт, истилоҳи «байналмилалӣ» ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ талқин мегардад. Ҳарчанд муносибатҳои мазкур аз доираи юрисдиксияи як кишвар берун бароянд ҳам ин маънои онро надорад, ки онҳо бидуни танзими ҳуқуқӣ мемонанд, балки зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ногузир аст.

Бинобар таъкиди унвонҷӯ мусаллам аст, ки қонунгузории кишвар тамоми масоили ҳуқуқии муносибатҳои бавуҷудомадаро бевосита фаро гирифта наметавонад, аз ин рӯ ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мусоидат мекунад. Ҳолати мазкур мавҷудияти низоми мустаҳками ҳуқуқии меъёриро дар кишвар тақозо менамояд. Дар ин ҷо, асоси танзимкунандаи чунин муносибатҳо бевосита меъёрҳои ба истилоҳ «коллизионӣ» ба шумор мераванд. Вале, татбиқи меъёри коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ бо се ҳолат – вазъи ҳуқуқии субъект, объект ва факти ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Ҳамин тариқ, такмил ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши амали меъёрҳои танзимкунандаи чунин муносибатҳо ба манфиати кишвар ва шахсони воқеию ҳуқуқии он мебошад.

Муаллиф ба ин назар аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз мазмун ва моҳияти меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун навъи мушаххаси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва масоили амали онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор дода нашудааст, ки баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур ба пешрафти назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаб хоҳад гашт.

Муҳаққиқ мавзуи масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, асосҳои назариявӣ ва амалии муносибатҳоро дар ин самт таҳлил ва нақши онҳоро дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муҳим арзёбӣ намудааст. Зимни омӯзиш ва таҳқиқоти масъалаи мазкур, унвонҷӯ аз назари илмӣ хулосаҳои судманд намуда, дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

Ҳадафи рисолаи илмии унвонҷӯро таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои амалии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ, ки дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ба ҳисоб меравад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикршуда дар таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- омӯзиши моҳият ва мазмуни меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- таҳлили хусусиятҳои хоси меъёрҳои коллизионӣ дар низоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- муайян ва пешниҳод намудани меъёрҳои асосии тасниф ва гурӯҳбандии меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- баррасии чараён ва хусусиятҳои рушди меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқи ҷиҳатҳои амалӣ ва татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- таҳлили ҷанбаҳои амалии истифодаи меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ, ки дорои унсури хориҷӣ мебошанд;
- баррасӣ ва таҳлили татбики амалии меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ.
- баррасӣ ва арзёбии масъалаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ;
- муайянсозии масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Дар пажӯҳиш муаллиф аз усулҳои умумӣ ва махсус истифода намудааст, ки маъмултарини онҳо усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил, синтез, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар диссертатсия масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонмавриди таҳлили ҳаматарафаи илмӣ ва амалӣ қарор дода шудааст. Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмии мукаммал дар мавриди амалияи меъёрҳои коллизионӣ то ҳол вуҷуд надорад, гарчанде ки ҳамкориҳои иқтисодии шаҳрвандон ва ташкилотҳои миллӣ бо ҳамтоёни хориҷӣ пайваста меафзоянд. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи меъёрҳои коллизионӣ бояд бо дарназардошти манфиатҳои миллию иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти амалии иштирокчиёни муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ амалӣ гарданд. Таҳқиқоти анҷомдодашуда, нахустин қадамҳои пажуҳиш доир ба масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ буда, ҷиҳати ташаккул ва таҳкими соҳаи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, инчунин қонунгузорӣ ва амалияи худии ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидати бевосита намуда метавонад.

3. Ҳамзамон, аз ҷониби унвонҷӯ Исматзода Исматулло Бобохуҷа як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо дар амалия аз ҷониби

Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доранд.

4. Теъдоди интишороти нашрнамудаи унвонҷӯ ба мазмуну муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферати диссертатсия мутобиқат мекунад.

5. Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, сабки навишт, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд ба таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа аз номгӯйи ихтосораҳо, муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

6. Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Раҷабзода М.Н., Исматзода, И.Б. Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ [Матн] / М.Н. Раҷабзода, И.Б. Исматзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми II. – 2024. – №6. – С. 249 – 253. ISSN 2074-1847

**[2–М].** Исматзода, И.Б. Проблемы коллизионного регулирования трудовых отношений с иностранным элементом [Текст] / И.Б. Исматзода // Государствоведение и права человека. – 2022. – №1 (25) – С. 135 – 145. ISSN 2414-9217

**[3–М].** Исматзода, И.Б. Амалишавии меъёрҳои коллизионӣ тибқи қонунгузории маданӣ [Матн] / И.Б. Исматзода // Қонунгузорӣ. – 2024 – №2 (54) – С. 97-102. ISSN 2410-2903

**[4–М].** Мирзоев, А.М., Исматзода, И.Б. Танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ [Матн] / А.М. Мирзоев, И.Б. Исматзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №2 (34). – С. 150-158. ISSN 2414-9217

**[5–М].** Исматзода, И.Б. Хусусиятҳои инкишофи меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Б. Исматзода // Қонунгузорӣ. – 2025 – №1 (57) – С. 195-200. ISSN 2410-2903

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Исматзода, И.Б Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ [Матн] / И.Б. Исматзода // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевичт Ойгензихт таҳти унвони «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар ҶТ ». – Душанбе, 2024. – С. 206-213.

**[7–М].** Исматзода, И.Б. Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ бо унсури хориҷӣ [Матн] / И.Б. Исматзода // Маводҳои конференсияи байналмиллали илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсия ҶТ ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 511-518.

**[8–М].** Исматзода, И.Б. Мафҳум ва моҳияти меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ [Матн] / И.Б. Исматзода // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва 80-солагии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Шомурат Менглиев (Нашрияи солонаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ). – Душанбе, 2021. – С. 136– 143

**[9–М].** Исматзода, И.Б. Баъзе масъалаҳо оид ба ҳуқуқи ашёӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ [Матн] / И.Б. Исматзода // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ ва Соли маърифати ҳуқуқӣ-эълон намудани соли 2024 ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маъориф (солҳои 2020-2040). – Душанбе, 2021. – С. 292-297.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Исматзода Исматулло Бобохуҷа аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 24 январи соли 2026, №5 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамаги 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раис:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодиров Н.А.

**Котиб:** лабаранти кафедра Одинаева З.Ҷ.

**Имзои Н.А. Қодиров ва З.Ҷ. Одинаева-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.
«24» 01 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj